Нусха аз суратмаҷлиси №1
оид ба баргузории ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ

аз 30.08.2022 с. **ш.Душанбе**

Иштирок доштанд: и.в. мудири кафедра, н.и.ҳ. Раҳмонзода М.Ҷ., д.и.ҳ., профессор Шарипов Т.Ш., д.и.ҳ., профессор Сафарзода А.И., н.и.ҳ., дотсент Сатторов Ғ.С., н.и.ҳ., дотсент Камолов З.А., н.и.ҳ., дотсент Мирзоахмедов Ф.А., н.и.ҳ., дотсент Шарипов Р.И., н.и.ҳ. Саидзода Ш.Л., н.и.ҳ. Сафарализода З.С., муаллими калон Юлдошева Г.М., муаллими калон Миралиев Э.Б., ассистентон Сайфуллозода У.А., Шарипов М.М, Мирзоев Қ.Х. ва лаборанти кафедра Исматов Рустам

Рӯзномаи маҷлис:

6.Масъалаҳои ҷорӣ

6.1. ***Муҳокимаи рисолаи номзадии унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Абдуллозода Ҷамолиддин Абдулло дар мавзуи «Масоили таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо мутобиқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон». Роҳбари илмӣ: д.и.ҳ., профессор Шарипов Т.Ш.***

Мудири кафедра, н.и.ҳ. Раҳмонзода М.Ҷ. қайд намуд, ки яке аз масъалаҳои ҷории ҷаласаро муҳокимаи рисолаи номзадии унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Абдуллозода Ҷамолиддин Абдулло дар мавзуи «Масоили таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо мутобиқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» зери роҳбарии д.и.ҳ., профессор Т.Ш. Шарипов ташкил медиҳад.

Барои мухтасари мубрамият, нуктаҳои асосӣ ва мазмуни рисола сухан ба унвонҷӯ Абдуллозода Ҷамолиддин Абдулло дода шуд.

(баромад замима мегардад).

Пас аз баромади Абдуллозода Ҷ.А. аз ҷониби устодони кафедра ба ӯ саволҳо дода шуд, ки номбурда ба ҳамаи саволҳо ҷавобҳои қаноатбахш гардонид.

Мудири кафедра қайд намуд, ки нусхаҳои рисола ба устодони кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ д.и.ҳ., профессор Сафарзода А.И., н.и.ҳ., дотсент Камолов З.А. ва н.и.ҳ. дотсент Холиқзода Ш.Л. пешакӣ барои омӯзиш тақсим гардида буд. Аз устодони мазкур хоҳиш карда шуд, ки андешаҳояшонро оид ба рисола дар ҷаласаи кафедра иброз намоянд.

Нахуст сухан ба д.и.ҳ., профессор Сафарзода А.И. дода шуд. Ӯ андешаҳояшро оид ба рисолаи илмии унвонҷӯ иброз дошт, ки рисолаи мазкур дар сатҳи хуб омода шудааст. Ҳамзамон баъзе камбудиҳо мавҷуд буданд, ки унвонҷӯ онҳоро дар муҳлати муқарраршуда ислоҳ намудааст.

Сипас, н.и.ҳ., дотсент Камолов З.А. баромад намуда, қайд карда, ки аз таҳлили кори илмии унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Абдуллозода Ҷ.А. бармеояд, ки он анҷомёфта мебошад. Дар муҷмӯъ, рисола дар сатҳи бисёр хуб омода гардидааст, иброз намуд, дотсент Камолов З.А.

Баъдан, устоди кафедра н.и.ҳ. дотсент Холиқзода Ш.Л. оид ба рисолаи илмии унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Абдуллозода Ҷ.А. чунин изҳор намуд, ки дар ҳақиқат рисола ба анҷом расидааст ва шакли комилро соҳиб аст. Ҳамчунин, норасоиҳо ва камбудиҳое, ки қаблан дар кор мавҷуд буданд, бартараф шудааст. Талаботҳои пешнбинишудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба навиштани рисолаи илмӣ аз ҷониби унвонҷӯ пурра риоя карда шудааст. Бинобар ин, хуб мешавад, ки хулосаи кафедра ба унвонҷӯ дода шавад, то ки рисоларо барои баррасӣ дар маҷлиси муштараки факултети ҳуқуқшиносӣ пешниҳод намояд.

Мудири кафедра, н.и.ҳ. Раҳмонзода М.Ҷ. низ андешаҳояшро оид ба рисолаи мазкур иброз намуд. Аз ҷумла, қайд кард, ки рисолаи илмӣ дар сатҳи баланд навишта шудааст ва аз ин рӯ, қобили дастгирӣ мебошад.

Ҳамин тариқ, устодони кафедра дар ҳайати д.и.ҳ., профессор Сафарзода А.И., н.и.ҳ., дотсент Камолов З.А. ва н.и.ҳ. дотсент Холиқзода Ш.Л., ки рисолаи илмиро мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода буданд, хулосаи мусбати худро вобаста ба рисолаи мазкур иброз намуданд.

Қарор қабул карда шуд:

1.Рисолаи номзадии унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Абдуллозода Ҷамолиддин Абдулло дар мавзуи «Масоили таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо мутобиқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.08-Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) тавсия карда шавад.

2.Ба унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Абдуллозода Ҷамолиддин Абдулло дар мавзуи «Масоили таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо мутобиқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» зери роҳбарии д.и.х., профессор Т.Ш. Шарипов хулосаи мусбати кафедра дода шавад.

(хулосаи кафедра замима мегардад)

Бо ҳамин, ҷаласаи кафедра пӯшида эълон карда шуд.

И.в. мудири кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, н.и.х. _____Раҳмонзода М.Ҷ.

Котиби маҷлис, Лаборанти кафедра _____Исматов Р.